# ТАҚРИЗ

**ба афтореферати диссертатсияи Қувватзода Сайдулло Зувайд дар мавзуи «Сиёсати об ва истифодаи самараноки захираҳои обӣ дар шароити кишварҳои Осиёи Марказӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04. – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ**

Дар шароити муосир масоили об ва сиёсати давлатӣ дар самти мудирият ва истифодаи оқилонаи он миёни давлатҳои минтақаҳои гуногуни олам, ки дарёҳои фаромарзӣ доранд, яке аз масъалаҳои асоси ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин, мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додани масъалаҳои сиёсати об ва самаранокии истифодаи захираҳои обӣ дар шароити тағйирёбии иқлим ва рушди босурати муносибатҳои истеҳсолӣ хеле мубрам аст. Муҳиммияти дигари масъалаи мазкур дар он аст, ки дар Осиёи Марказӣ низ бо пайдоиши давлатҳои миллӣ, алалхусус баъди соҳибихтиёр гардидани онҳо масъалаи об ба омили асосии муносибатҳои байнидавлатӣ дар минтақа табдил ёфта, рақобат барои идоракунӣ, ихтиёрдорӣ ва истифодаи захираҳои об зиёд мегардад. Ҳолати мазкур талаб менамояд, ваъзият пайваста мавриди омӯзишу таҳқиқи соҳавӣ қарор дода шавад ва мубрамияти таҳқиқоти анҷомдодаро ташкил медиҳад.

Автореферат диссертатсияи Қувватзода Сайдулло Зувайд мазмуни фишурдаи кори таҳқиқотии муаллифро пурра фарогир мебошад. Муаллиф тавонистааст, ки дар асоси ҷамъоварӣ ва таҳлилу баррасии маводи васеи илмӣ, аз манбаъҳои хориҷӣ, манбаъҳои ватанӣ масъаларо ба таври зарурӣ ҷамъбаст намояд ва пешниходхою хулосабарориҳои муҳимро пешниход созад. Сохтори диссертатасия аз сарсухан, панҷ боб, сенздаҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, руйхати адабиёт ва интишорот аз рӯи мавзӯи диссертатсия иборат мебошад, ки дар автореферат ба таври мушаххас мавриди шарҳ қарор дода шудааст.

Кори диссертатсионии Қувватзода Сайдулло Зувайд дар мавзӯи «Сиёсати об ва истифодаи самараноки захираҳои обӣ дар шароити кишварҳои Осиёи Марказӣ» ба проблемаи муҳимтарини ҷомеа, ки сол аз сол хосияти

глобалиро касб кардааст, бахшида шудааст. Ҳамчунин, кори мазкур ба ҷанбаҳои назариявии ташаккули ақидаҳои олимону сиёсатмадорон доир ба мафҳӯм, моҳият ва мазмуни сиёсати об мавриди арзёбӣ қарор дода шудааст. Моҳияти обро аз нуқтаи назари таълимотҳои гуногуни илмии замони муосир мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, ба раванди ташаккули донишҳо доир ба мудирияти захираҳои об ва ҷойгоҳи об дар тамаддуни инсонӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудааст. Унвонҷӯй дар рисолаи диссертатсионӣ бештар ба таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан солҳои истиқлолият диққат дода, пешниҳодҳои илман асоснокшударо ҷиҳати ҳалли мушкилоти соҳаи об дар сатҳи ҷаҳонӣ диққат равона намудааст.

Асосҳои методологии рисоларо методҳои таърихӣ, системавӣ, муқоисавӣ, институтсионалӣ, таҳлил, синтез ба таври васеъ истифода гардидааст, ки имкон дод дар асоси сарчашмаҳои расмӣ ва илмӣ, маводи иттилоотӣ, оморӣ, инчунин коркарди консептуалии олимону мутахассисони ватанӣ ва хориҷӣ омӯзиши маҷмӯӣ динамикии объект ва предмети таҳқиқот анҷом дода шуда, унсурҳои муҳимтарин ва муносибатҳои онҳо муайян карда шавад. Ҳамчунин хосияти фароилмӣ доштани масъалаҳои вобаста ба об аз методҳои байнифаннӣ ва соҳаи гидрополитика, ки дорои методҳои хоси худ мебошад - идоракунии дохилидавлатӣ, идоракунии ҳавзавӣ, идоракунии ҳудудӣ - маъмурӣ, идоракунии системавӣ, идоракунии маҷмӯӣ, идоракунии ҳамгироёнаи обӣ, муколамаи обӣ мебошад, ки дар таҳқиқот ба таври васеъ истифода намудааст.

Муаллиф қайд менамояд, ки дар қатори дигар манотиқи ҷаҳон кишварҳои Осиёи Марказӣ низ дорои ҳавзаҳои ягонаи обӣ буда, мушкилоти об яке аз масъалаҳои мубрами минтақавӣ маҳсуб меёбад. Дар Осиёи Марказӣ тамоми сарватҳои табиӣ, аз ҷумла захираҳои об комилан нобаробар ҷойгир шуда, давлатҳои минтақа ба кишварҳои болообу поёноб, гидродонор ва обистеъмолкунанда ҷудо мешаванд. Чунин ҳолат вобастагии доимии байнидавлатиро дар минтақа дар соҳаи об ба вуҷуд оварда, омили об дар

муносибатҳои байнидавлатӣ ва минтақавии кишварҳои он ҷойгоҳи махсус дорад.

Дар афтореферати муаллиф дар зербоби алоҳида гидрополитика ҳамчун шохаи нави илмҳои сиёсӣ нишон дода заминаи таҳлили ҳамаҷониба сохтори таркибии онро муайян кардааст, ки навгонии илмӣ мебошад.

Баробар ба арзишҳои муҳими илмӣ дар автореферти диссертатсия хатогиҳои имлоиву техникӣ ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо салоҳияти муаллиф аст.

Автореферати диссертатсия аз нигоҳи илм ғанӣ ва андешаҳои муаллиф мантиқан дуруст баён гардида, натиҷаҳо ҷамъбандӣ ва хулосабарорӣ шудаанд.

Автореферати диссертатсия ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он Қувватзода Сайдулло Зувайд ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04. – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ сазовор мебошад.

**Муқарриз,**
доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент
ректори Донишгоҳи давлатии
Хоруғ ба номи М.Назаршоев — Комилбек Амид Ёрбек

Имзои Комилбек Амид Ёрбекро
тасдиқ мекунам. Сардори Раёсати
кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси ДДХ ба номи М. Назаршоев — Саидраҳмонов Н.С.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХОРУҒ ба номи М. НАЗАРШОЕВ

**Суроғаи муқарриз:**
ш. Хоруғ, кӯчаи Ш.Шоҳтемур 109,
тел: 83522 2-45-79; 2-22-48;
факс: 2 -22-48; E-mail: ksu.khorog@mail.ru